Сафармуҳаммади Хатлонӣ

# ЗАВРАҚИ ЗАВҚ



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Х-32

Муҳаррирон:
*Сафар Амирхон ва Хайрандеш*

Х-32 **Сафармуҳаммади Хатлонӣ.**
**Завраќи завқ** (маҷмӯаи шеърҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2011, 92 саҳ.

Маҷмӯае, ки дар даст доред шеърҳо, ғазал, рубоиву дубайтиҳо ва «Соқинома»-и Сафармуҳаммади Хатлонӣ – шоири огоҳу хушзавқро дар бар мегирад. Умедворем, ки аз дарёи ашъори тозаву тари ин шоири хушбаён гавҳари маънӣ хоҳед бардошт.

ISBN 978-99947-2-140-5

© Сафармуҳаммади Хатлонӣ, 2011

# ТАБЪИ ДАРЁЙ

Ҳанӯз айёме, ки Сафамуҳаммади Хатлонӣ дар мактаби миёнаи рақами 18-и ноҳияи Восеъ, дар деҳаи Файзобод таҳсил менамуд, эҷодиёти ӯро шоири шӯридахаёл ва тозатасвир Сиёвуш эътироф ва дастгирӣ мекард. Яъне Сиёвуш аз нахустин устоди Сафармуҳаммади Хатлонӣ маҳсуб меёфт. Баъдҳо Сафармуҳаммад дар маҳфилҳое, ки мо дар шаҳри Кӯлоб мегузарондем, иштирок мекард ва аз маҳфил ба маҳфил афзоиши шавқу завқ ва бартариҳои сухани ӯ аз эҷоди дигар навқаламон эҳсос мешуд.

Сафармуҳаммади Хатлонӣ, агарчанде ки табъи дарёӣ дорад, бисёр меомӯзад ва дар навиштану чоп кардани шеър саросема намешавад. Ин аст, ки аксари шеърҳои ӯ саршори тозагуфториҳо ва маъниҳои бикранд.

Дар маҷмӯае, ки дар даст доред, шеърҳо, ғазалҳо, рубоиҳо, дубайтиҳо ва «Соқинома»-и шоир ҷой дода шудааст. Худи ҳамон «Соқинома» навиштани Сафармуҳаммад аз ҷасорати эҷодии ӯ дарак медиҳад. Яъне, ин гувоҳи он аст, ки ӯ мактабҳои зиёди эҷодиро омӯхтааст ва дар оғози пайдо кардани мактаби эҷодии худ аст.

Табъи равони Сафармуҳаммад ҳангоми мутолиаи ғазалҳояш баръало эҳсос мешавад. Дар маҷмӯа ғазалҳое вомехӯранд, ки бе ягон шакку шубҳа мафтункунандаанд. Агарчи дар дубайтиҳояш кӯшиши навгӯӣ ҳаст, вале рубоиҳояш навгӯиҳову нафаси тоза,

вожаҳои сабзу дилрас ва мазмуну маъниҳои намакину хотирмон доранд. Ба қавли дигар гӯем, Сафармуҳаммад тавонистааст, ки арвоҳи рубоисарои бузурги рӯи олам Умари Хайёмро шод гардонад ва ғоибона дуои ӯро бигирад.

Мо низ дасти дуо мебардорем ва ба Сафармуҳаммад парвози баланди эҷодӣ таманно менамоем, то ки ба қуллаҳои баланди эҷодӣ бирасад ва ин аввалсуханро бо дуои устод Мирзо Турсунзода ҳусни анҷом мебахшем:

«Ошён гар мегузорӣ дар баландиҳо гузор».

***ХАЙРАНДЕШ,***
*узви Иттифоқи*
*нависандагони Тоҷикистон*

# Ғазал

* * *

Эй Худои ҳозиру пинҳони мо,
Бишкуфонӣ ғунчаи армони мо.

Ҳиммати мо хок зар хоҳад намуд,
Ғайрате бар ҷумлаи мардони мо.

Сарфарозиҳост дар бунёди мо,
Дасти мо гиред, эй ёрони мо.

То ба кай дар хоби нозӣ, эй рафиқ,
Хез, то бистар шавад ҳайрони мо.

Сар зи оғӯши гиребон во кунем,
То нагирад тифли мо домони мо.

Ин замон ғофил намебояд будан,
Тан чу осуд, суда гардад ҷони мо.

Ҳамдилу ҳамдасту ҳампаймон шавем,
Бахти мо пайванд бо паймони мо.

Обу хоку боду оташ ин замон,
Сар нахоҳад тофт аз фармони мо.

Паҳлавонзодему аз озодагон,
Ноби Роғун арсаи ҷавлони мо.

Мо чу Фарҳодему Ширин халқи мо,
Ҷӯи шири мост нуристони мо.

Олами нуру зиё хоҳад шудан,
Ин ватан аз қудрати дастони мо.

НОБи Роғун дар баҳои ранҷи мо,
Машъали ояндаи рахшони мо.

Мешавад оғӯши модар ин ватан,
Баҳри мову баҳри фарзандони мо.

Аз замину осмони ин диёр,
Ризқ мерезад ба дастархони мо.

Тоҷикистон офтобе мешавад,
Ҳалқа даври мо занад даврони мо.

* * *

Худовандо, сари андешаборам,
Ки то кай дар хаёли панҷу чорам.

Гузар аз чор сӯ бастанд гӯйӣ,
Дар ин тангӣ, Худоё, бемадорам.

Харобу хаставу зору ҳазинам,
Тиҳидастам, ба пои хеш борам.

Куҷо дасте, ки домоне бигирам,
Ба гулгашти саломат по гузорам.

Куҷо, чашме, ки роҳи хеш бинам,
Набошад ранҷи беш аз хоку хорам.

Малулу хастаи чашмони тангам,
Маломаткардаи чашмони чорам.

Куҷо хоҳам расидан ҷуз таги по,
Ба дӯши ашки чашмонам саворам.

Дареғу тавбаи ояндагонам,
Нишони ҳазли аҳли рӯзгорам.

Гурезонанд аз ман дӯстдорон,
Агарчи дар бағал санге надорам.

Худовандо, чӣ бошад бахтёрӣ,
Ба ман бинмо, ки бурдӣ ихтиёрам.

Бихоҳам роҳате дар зиндагонӣ,
Туфайли ранҷҳои бешуморам.

Дуо аз мо, қабул аз ҷониби ту,
Ҳабиби меҳрубон, умедворам.

* * *

Хабар дорӣ, хабар дорӣ, ки мастам,
Сабуе дар бағал, санге ба дастам.

Агар девонаӣ, нак ҳушдорӯ,
Агар ҳушёр, ҳуш дорӣ, ки мастам.

Ман ин мастӣ зи ҳушёрӣ гузидам,
Зи зиндони дурӯғу фанд растам.

Аруси нозро гесӯ буридам,
Савори озро гардан шикастам.

Дил аз ин чархи бадкирдор кандам,
Ба пои сарви хушрафтор бастам.

Агарчӣ хубрӯён меписандам,
Агарчӣ хушхиромон мепарастам.

Сари ман хоксори саҷдаи ӯ,
Ало, эй мушрикон, яктопарастам.

* * *

Худовандо, дили сангам ато кун,
Ва ё аз синаи сангам раҳо кун.

Надорам тоқати андӯҳи мардум,
Ғамам бо шодии мардум баҳо кун,

Наменолам зи бахти гаштаи худ,
Ҳама шодӣ насиби ошно кун.

Чӣ будӣ, гар ҳама хурсанд будӣ,
Худовандо, мурувват кун, сахо кун.

* * *

Худовандо, сари шарманда дорам,
Рафиқе дар сафар афканда дорам.

Накӯӣ бо бадӣ пайванд омад,
Савоби дар гунаҳ оганда дорам.

Битарсидам зи урёнии гиря,
Фиғоне дар либоси ханда дорам.

Чӣ созам бо пару боли шикаста,
Диле аз шури дунё канда дорам.

Магӯ паймон намудам пора-пора,
Ки ҳар як пора дар дил зинда дорам.

* * *

Эй буда, ки кардӣ ҳаст моро,
Бардор зи хоки паст моро.

Охир нашавад мурод ҳосил
З-ин мардуми майпараст моро.

Зиндонии нангу ор гаштем,
Бикшой ду пову даст моро.

Аз ҳайбати санги нотавонӣ
Дандони ҳавас шикаст моро.

Бинӣ чу миёни халқи ҳушёр
Шурида чу шери маст моро.

Эй ақл, забони панд макшо,
Девона зи банд раст моро.

* * *

Дигарон рафтанд, моён мондаем,
Мушкил афтодаст, осон мондаем.

То ба матлаб роҳи мо дур аст, дур,
Дар миёни роҳ ҳайрон мондаем.

Тарси мо аз ҳастагии роҳ не,
Ҳастаи тангии домон мондаем.

Ғунчасон аз даҳшати сармои дай
Сар ба оғӯши гиребон мондаем.

Боду борону тани хокии мо,
Аз чунин ҷамъе парешон мондаем.

Нангу ори мо гиребонгири мо,
Пой дар занҷири виҷдон мондаем.

То сари мо аз забон эмин бувад,
Лаб ба лаб, дандон ба дандон мондаем.

Эй Худоё, мушти хокам, беш не,
Раҳм кун, дар зери борон мондаем.

* * *

Худовандо, раҳе бинмой бар ман,
Даре аз лутфи худ бикшой бар ман.

Чунон гумраҳ шудам аз пешбинӣ,
Ки санги пеши по шуд пой бар ман.

Зи берангии ақлу ҷон чӣ гӯям?
Гузорад минати худ лой бар ман.

Димоғам хор-хорад ҷони хаста,
Ки тангӣ мекунад ин ҷой бар ман.

Куҷо ғайрат, ки домоне бигирам,
Аҷаб бедасту поям, вой бар ман.

* * *

Шукрона, эй Худой, ба доди ту,
Бар хоку обу оташу боди ту.

Аз роҳату ҳаловати ин дунё
Гарчи маро мурод надодӣ ту.

Бешак, муроди мо нашавад ҳосил,
Гар бемуродиҳост муроди ту.

Аз лутфи ту агарчи фаромушем,
Фориғ  набудаем зи ёди ту.

Аз чи хилофи роҳи ту мепӯяд,
Онро, ки пеши роҳ кушодӣ ту.

Моем, мо, ки бо дили ғамхора
Шодии мост хотири шоди ту.

* * *

То куҷо парвоз бошад ҳиммати девонаро,
Раҳнамои хеш донад пои мо завлонаро.

Бо малак ҳамроз хоҳад гашт ноҳамвори мо,
Гар бурун андозӣ аз мо фикри обу донаро.

Зерипоафтодагони ақли тарсуем мо,
Оҳ, агар аз мо фуру гиранд бори шонаро.

Баски аз тарзи тамизи халқ дур афтодаем,
Чашми мо якранг бинад оқилу девонаро.

Ҷуз таваккал дастгири ҳиммати мардона нест,
Эй Худо, барҷой дорӣ ҳиммати мардонаро.

* * *

Касе, ки роҳати дунё варо муяссар шуд,
Бубин, ки шукр наёварду хок бар сар шуд.

Аз он ки дур назар карду пеши пой надид,
Сари баланд ба хоки сияҳ баробар шуд.

Яке зи чоҳ бурун гашту моҳи маҷлис шуд,
Яке зи моҳ ба чоҳе фитоду музтар шуд.

Аҷаб мадор, ки мурдоби бетаровату бӯ
Зи баҳри лутфи Худованд ҳавзи кавсар шуд.

* * *

Имшаб канори боғу гулистонам орзӯст,
Ҷонам ба ҷон расид, ки ҷононам орзӯст.

Чархи фалак куҷову мани нотавон куҷо,
Дасти дароз то ба гиребонам орзӯст.

Гургони фоқа дар пасу пешанд, эй Худо
Чоҳи муроди Юсуфи Канъонам орзӯст.

То кай фиреби тутиву фанди шакар хурам,
Қанди сафеди чоки гиребонам орзӯст.

Монанди мӯр заҳмати бисёр дидаам,
Айбам макун, ки тахти Сулаймонам орзӯст.

Ҳури биҳишту равзаи Ризвон чу нақд нест,
Як дӯзахиву гӯшаи айвонам орзӯст.

Назму низоми қофияву вазн бори дил,
Рақси самоу назми парешонам орзӯст.

Мушкилписандӣ нест писанду қабули мо,
Як зиндагии содаву осонам орзӯст.

Яксар ҳама саранду баранду тану забон,
Аз ин миён биҷӯй, дилу ҷонам орзӯст.

Талхии кому айби касонро баҳона бас,
Қанде кирои заҳмати дандонам орзӯст.

Гар дасти мо ба домани танге намерасад,
То дасти мо кушодии домонам орзӯст.

Аз заҳри лутфу бори такаллуф фусурдаам,
Эй содагӣ куҷоӣ, ки дармонам орзӯст.

То занги дил зудояду руҳу равон диҳад,
Шеъри баланду ояти Қуръонам орзӯст.

Хотир чу хаста нест, пару бол баста нест,
Бикшо фазои шеър, ки ҷавлонам орзӯст.

Заҳмат кашидаам, ки чу гавҳар чакидаам,
Дигар магӯ, ки муҳраи марҷонам орзӯст.

* * *

Пухтаҳоро хом дорад хоми мо,
Масдари оғозҳо анҷоми мо.

Таънаи афтодагӣ бар мо мазан,
Шури сад дарёст дар ороми мо.

Ғунчаи афсурдае бар бод гуфт,
Чархи гардонро бигӯ пайғоми мо.

Гарчи гумномем дар айём, лек
Ном меёбад зи мо айёми мо.

Чашмаи лутфему чашми орзӯ,
Пистаҳоро во кунад бодоми мо.

Мо на мушкил сайди маънӣ кардаем,
Сайд меҷӯяд висоли доми мо.

Баски мо софиниҳод афтодаем,
Сад навозиш зери як дашноми мо.

Гардани мо пои аблаҳ бишканад,
То науфтад оқиле аз боми мо.

Боди ҳарҷоӣ, куҷо дорӣ сафар,
Бар азизи мо бубар пайғоми мо:

Сабзии мо зард аз дурии ту,
Эй сияҳчашми сафедандоми мо.

Ин аҷузи ғуссаву ғам то ба кай,
Ком хоҳад аз дили нокоми мо.

Дил сияҳ, чун мӯй мегардад сафед,
Шикваҳо аз субҳ дорад шоми мо.

Оташему рӯи об афтодаем.
Пӯхта кай бошад хаёли хоми мо.

Вой аз даврони қимматношинос,
Ҷилваи оғоз шуд анҷоми мо.

Соқиё ҷоми умеду орзӯ,
Пур намо, то нафс гардад роми мо:

Ҷоми дил аз шавқ чун лабрез шуд,
Баҳр гардад чашмаи илҳоми мо.

Лоф, Хатлонӣ, зи хуштабъӣ мазан,
Алҳазар аз табъи нооромӣ мо.

З-ин ҳунар чун симу зар ҳосил нашуд,
Шоирӣ айб аст дар айёми мо.

* * *

Ҷамъ шав, ҷамъ, парешонии ман,
Хотире ҷамъ падидор шавам.

Парда бардор зи нодонии ман,
Мон, ки шармандаи бисёр шавам.

Даҳр шармандаписанд аст, бале,
Бувад арзандаи он ёр шавам.

Адабу илм фурӯшам ба ҷаве,
Ҷаҳлу нодонӣ харидор шавам.

Бувад аз касрати нодонии хеш,
Нақши ҳар як дару девор шавам.

Ё ба коми дили ноком расам,
Ё ки дар пои ҳавас хор шавам.

Ақл мекуфт дари хилвати ман,
Ҳавасе дошт, ки бедор шавам.

То ба кай мушт ба ҳован кубам,
Пой бандед, ки ҳушёр шавам.

Андар ин олами бе илм амал,
То ба пои амале бор шавам.

Дили девона чӣ хуш гуфт варо,
Дил надорам зи дигар хор шавам.

Ману ин ҷоми даҳонбастаи ғам,
Бода бинмой, ки саршор шавам.

Бувад аз шавкати бадмастии хеш,
Воқифи олами асрор шавам.

Дил аз ин тиразамин бикшоям,
Ба ғами ишқ гирифтор шавам.

Пушти он парда гиребон бидарам,
Масту девона падидор шавам.

Ҳамчу Ҳофиз ба ишорат кӯшам,
Ё чу Мансур сари дор шавам.

Ё чу Мусо ба дари хилвати ӯ,
Ба фиғон аз дили бемор шавам:

Ё Раб, ин парда барандоз, ки ман.
Сӯхтаи оташи якбор шавам.

* * *

Гар аҷузи фақр гирад даст аз домони мо,
Домани хуршед бошад арсаи ҷавлони мо.

Бар муроди мо агар як лаҳза гардад осмон,
Бишканад сад хори навмедӣ гули армони мо.

Аз пушаймонӣ парешонам, Худоё, ҳиммате,
Пушти дасти мо надорӣ хастаи дандони мо.

Кист то бар гӯши ғайрат рози мо ифшо кунад,
Бахти мо то чанд бошад бандии виҷдони мо.

Пешбинӣ санги раҳ шуд, дидаи мо баъд аз ин –
Бар шумо бодо амонат, эй сафи мижгони мо.

Сӯхтам аз як ҳавас, тарсам, ки оҳе во шавад,
Осмон гирад ғубори дуди оташдони мо.

* * *

Эй, дил дигар ту тарки ғами рӯзгор кун,
Аз тирамаҳ гурезу ҳавои баҳор кун.

Дурӯза умру ғуссаву андӯҳи бешумор,
Чашми ҳавас бубанд, таваккал шиор кун.

Дасти талаб бигир зи домони рӯзгор,
Дасти кушод ҳавсалаи киштукор кун.

Бардор дил зи роҳи саворони рӯзгор,
Афтода дил ба аспи ҷадалҳо савор кун.

Эй одамӣ, шикории гургон чӣ гаштаӣ,
Гурге, агар тавонӣ, паланге шикор кун.

Доманкушодагист сари ҷумла мардумӣ,
То доманат пур аст, ба ҳар сӯ нисор кун.

Шоҳу гадо, ҳақиру тавоно равандае,
Аз дида рафтӣ, дар дили мардум қарор кун.

Ҷонат амонатеву чӣ волост неъмате,
Эй банда, шукри неъмати Парвардигор кун.

Ин қасрҳои сарбафалак сахт бебақост,
Як гӯшае ба кунҷи диле ихтиёр кун.

Некӯ савораиву чунин тунд меравӣ,
Роҳи дароз нест, қадамҳо шумор кун.

Дасти пиёда гир ва ё худ пиёда шав,
Андешае зи ҳайбати рӯзи шумор кун.

Умрест рафтаниву қафо менагаштанӣ,
Номи накӯ ҳаволаи сад рӯзгор кун.

Хатлониё, чаро талабӣ ризқи роҳгум,
Аз бахт дил бигиру ҳавои диёр кун.

* * *

Ба сад дарде яке дармон харидам,
Гаронқадре аҷаб арзон харидам.

Сари савдоӣ чашми ақл пӯшид,
Дилу ҷон додаму ҷонон харидам.

Таваккал бар Худо чун Хизр кардам,
Зи зулмат чашмаи ҳайвон харидам.

Ман ин шаҳди лаби хандони дилбар,
Туфайли дидаи гирён харидам.

Забони оҳ бо дандон газидам,
Даҳон пӯшидаму дандон харидам.

Бағалбикшодаи оғӯши гарме,
Ба рағми тангии домон харидам.

Чу шарме дар мусулмоне надидам,
Зи раҳми кофаре имон харидам.

Далели роҳ кардам бемуродӣ,
Зи дузах равзаи ризвон харидам.

Чу фақрам рӯи об афтода дидам,
Фурухтам оби рӯву нон харидам.

Магар бошад, ки рӯзе фош гӯям,
Ҷаҳоне додаму як ҷон харидам.

* * *

Зи даври чарх гашта моҳ пора,
Ба ҳоли моҳ механдад ситора.

Ба гӯши бод хоки сард гӯяд:
Аҷузеро чи зебад гӯшвора.

Саҳоби тирару бо сугворӣ,
Ба пушти бод мегардад савора.

Ба қалби хок резад ашки ҳасрат,
Магар коро шавад бо санги хора.

Расад хуршеду рӯяш хок бинад,
Шавад шарманда аз ҷӯши назора.

Шукуфад сад чаман дар синаи ӯ,
Биёбон сабзаду ҳар дашту бора.

Сари моҳи наву фасли баҳорон,
Ману ин мисраҳои пора-пора.

* * *

Эй дил, дарахти сабр замоне самар диҳад,
Он кас, ки шом дод, паи ӯ саҳар диҳад.

Якрангӣ марг будаву ҳастист ранг-ранг,
Гоҳест заҳр баҳраву гоҳе шакар диҳад.

Гар боғ дил гирифт, биёбон намоядат,
Гар хона танг гашт, ҳавои сафар диҳад.

Онро, ки дида во нашавад, дил кушоядаш,
В-онро, ки пой хаста шавад, болу пар диҳад.

Гоҳе ба шер заҳмати муре шавад насиб,
Гоҳе ба мур дабдабаи шери нар диҳад.

Шоҳу гадоӣ нест ғаму шодии зиёд,
Аз хор бӯй зояду аз гул ҳазар диҳад.

Навмед нест чораи бечорагии мо,
Нахли умед сабз бикун, то самар диҳад.

* * *

Агар аз синаам як оҳи дардолуд бархезад,
Димоғи шухчашмони ҷаҳонро дуд бархезад.

Баландии замона домани исмат намехоҳад,
Ҳар он касро, ки доман бо гунаҳ олуд, бархезад.

Ба зери пардаи лутфу мурувват гаштаӣ пинҳон,
Куҷо Фирдавсие, то парда аз Маҳмуд бархезад.

Куҷо ҳимматбаланде, то ба нафси худ раво дорад
Зиёнеро, ки аз лутфаш ҳазорон суд бархезад.

Хуш аҳволи касе к-андар талошу часпи ин дунё,
Агар шуд хаста биншинад, даме осуд бархезад.

Чунон дар тору пуди зиндагӣ печидаам, ё раб,
Бувад оё, ки торам аз миёни пуд бархезад.

Насозад бо дили равшан сияҳбахтии Хатлонӣ,
Худоё, ҳиммате, то бахти хоболуд бархезад.

* * *

Дил гирифт аз адабӣ гапзаниҳо,
Дар паси лутфи сухан лапзаниҳо.

Даст бар домани маќсад нарасид,
Аз гиребони сухан ќапзаниҳо.

Хоҷагӣ гар набувад ќисмати мо,
Пуштии хоҷаву тап-тапзаниҳо.

Пойкубӣ мададе, дил бигирифт,
Дастбардориву чап-чапзаниҳо.

Одамӣ чист бад ин боди бурут?
Хоку обеву ба ќолабзаниҳо

Ҳарф, Хатлонӣ, ба беҳуда магӯ,
Ҳосиле нест аз ин гапзаниҳо.

* * *

Дар Бадахшони дили ман лаъл баст
Ҳасрати лаъли лаби ҷононаҳо.

Маст шуд деви алам аз хуни ман,
Гашт паҳнои дилам майхонаҳо.

Ашки ман бинҳуфт дар чашмони ман
Ҳамчу зери баҳрҳо дурдонаҳо.

Обёри як кафи хоке нашуд
Панҷи ман ғунҷид дар паймонаҳо.

Кас ба умқи синаам роҳе набурд,
Ганҷи ман гум гашт дар вайронаҳо.

Орзӯи охиринам бод шуд,
Пои худ бикшод аз завлонаҳо.

Аз тамоми сузу сози синаам,
Заррае пайваст бо афсонаҳо.

Деҳа танг омад паи иқболи ман,
Роҳ ҷустам то бари фарзонаҳо.

Оқибат маъвои худро ёфтам,
Кӯчаи шаҳру сафи девонаҳо.

* * *

Мо боди баҳорем, вазонем, вазонем,
Ҳар ғунча, ки бишкуфт, ба бӯяш нигаронем.

Булбулҳавасонем дар ин дашти пур аз гул,
Дил аз рухи гул канда натонем, натонем.

Гуфтӣ, ки ба як дил нашавад ҷой ду дилбар,
Бахшой Худоё, ки ҷавонем, ҷавонем.

Он ҷо гули хушрӯй, дар ин ҷо гули хушбӯй,
Дилбаставу побанди ҳам инем, ҳам онем.

Эй гул, чи шавӣ хаста зи паҳнои дили ман,
Пастему баландем, заминему замонем.

Ғофил чӣ занӣ қақра дар ин дашти балохез,
Эй кабги хироманда каминем, камонем.

Гуфто, ки фақирем, вале ринду назарбоз,
Ҳайфо, ки чунинем, дареғо, ки чунонем.

Фардо, ки шавад боз дари лутфи Илоҳӣ,
Бинӣ ба чӣ рангем, бидонӣ ба чӣ сонем.

Як пайкари аз шодиву ғам рехта моем,
Гаҳ абри баҳорему гаҳе боди хазонем.

* * *

Агар ки бахт набошад, ҳунар чӣ суд кунад?
Чу ризқ танг биуфтад, сафар чӣ суд кунад?

Чу дар насиб бувад пешпоиҳо хӯрдан,
Чароғи равшани шамсу қамар чӣ суд кунад?

Ба гӯши ҳӯши ман имрӯз ҳотифе мегуфт:
– Нишони тири қазоӣ, сипар чӣ суд кунад?

Туро, ки зоди сафар нест дар бағал, бешак
Бағалкушодагии ҳамсафар чӣ суд кунад?

Чу гарди роҳаму навмеди осмонбӯсӣ
Насими домани як раҳгузар чӣ суд кунад?

Дилаш чу махзани имону эътиқод нашуд,
Азон ба гӯши худобехабар чӣ суд кунад?

Маро, ки фитнаи Мансур пушти сар кардам,
Зи баҳри бехирадон тарки сар чӣ суд кунад?

Ба ханда гуфт: «Аҷал чун расид, Хатлонӣ,
Сутуни хона бувад гар зи зар, чӣ суд кунад?

* * *

Гарчӣ бо ҳоли харобу ранги зард афтодаем,
Мо ба рағми қисмати номард мард афтодаем.

Ақли сарди мо дили гарме куҷо ҳосил кунад?
Оташему пештози боди сард афтодаем.

Аз камоли ҷаҳл мардум пул варақгардон кунад,
Мусҳафему нокушода зери гард афтодаем.

Ахтари мо дар мадори осмон ҷое наёфт,
Азфалакафтодаи саҳронавард афтодаем.

Ризқ зери пову аз болои сар ҷӯем мо,
Ҳарзаҷӯ, беҳӯдагӯ, оворагард афтодаем.

То Шумо, эй ҳақталошон, роҳи мо ҳамвор нест,
Пайки дармонему дар саҳрои дард афтодаем.

* * *

Ғам махӯр, эй дил, агар як бод гардон мешавад,
Дар биёбони ту ҳам як рӯз борон мешавад.

Заррае имон агар дар сина бошад, бок нест,
Оқибат ҳар габру тарсое мусулмон мешавад.

Гар Сулаймон ғафлат аз ҳоли раият мекунад,
Мур ҳам даъвогари тахти Сулаймон мешавад.

Дар масофи зиндагонӣ шер будан шарт нест,
Пашша ҳам бар қасди мардум марди майдон мешавад.

Хуш ба ҳоли он ҷавонмарде, ки бо инсофу дод
Ҳамчу Юсуф[1] дастгири додхоҳон мешавад.

Поси шавкат бар Сулаймон низ душворӣ кунад,
Оҳ аз он рӯзе, ки муре хонавайрон мешавад.

Хуш ба ҷавлон омадӣ, эй шӯхи раъно, раҳм кун,
Хотири мо ҳамчу мӯи ту парешон мешавад.

Оҳ аз ин ғули биёбону зи нақши пои ӯ,
Масканам як умр, метарсам, биёбон мешавад.

[1] Дӯстам Юсуфҷони Юсуфзода дар назар аст.

* * *

Субҳ хезад аз шаби торам ҳануз,
Чашм бикшоед, бедорам ҳануз.

Ҳалқа гирди ман занед, эй ошиқон,
Аз маи тавҳид саршорам ҳануз.

Сина бикшо, эй замини ташналаб,
Лутфборонам, ки меборам ҳануз.

Дар замини хотири ҳар ноумед
Донаи умед мекорам ҳануз.

Сад чаман дар синаам гул мекунад,
Гарчи дар пои ҳавас хорам ҳануз.

Гарчи аз талхии ком озурдаам,
Шаҳд мерезад зи гуфторам ҳануз.

Кист, то гуше фаро дорад маро,
Эй басо ногуфтаҳо дорам ҳануз.

* * *

Ману эҳсоси фурудастии ман,
Маргро ханда аз ин ҳастии ман.

Заҳру шир аст ба якбора маро,
Ғуссаву шодии пайвастии ман.

Хона танг аст, биёбон хоҳад,
Таъби ҳушёр зи бадмастии ман.

То чу девона гиребон бидарад,
Бар ману бар адаму ҳастии ман.

Шайх дандони маломат шиканад,
Саҷдаи саҳви туву мастии ман.

Ҳунаре ҳаст, ки айбам пӯшад,
Сарбаландиву тиҳидастии ман.

Қоруно, неъмати фонист туро,
Ноз кам кун ту ба ҳамдастии ман.

Неъмати боқиву мо, нест аҷаб-
Назари лутфи ҳақу пастии ман.

* * *

Сари ҳушёрӣ надорад дили девонасиришт,
Дили девона чӣ донад, ки чи хубасту чи зишт.

Навбати мо шуду ангушт ба дандон бигазид,
Хати тақдир Худованд ба мардум чу навишт.

Барзкорон дигару ризқшарикон дигаранд,
Хуш бадоне, ки хурад ҳосили он дона, ки кишт.

Таънаи риндиву расвоӣ ба ошиқ чи занӣ,
Баҳри девона чӣ фарқ аст, чи дузах, чи биҳишт.

То кӣ андар талаби васл ба ҷое бирасад,
Ману ин кӯҳу биёбону туву хонаву хишт.

Ману сарпанҷаи тақдиру туву чашми умед,
Кист то ҳукм кунад сарҳаду андозаи зишт.

* * *

Ҷуз яъс нест оқибати касбу кори мо,
Оғуштаи шаб аст дигар рӯзгори мо.

Навмед аз шикастани қисмат нагаштаем,
Ин ҳарфи хирагашта наояд ба кори мо.

Мо дар камини шеру паланге нишастаем,
Ин гурги сифла чист, ки бошад шикори мо.

Бо пои ақл роҳ ба ҷое набурдаем,
Моро куҷо барад дили умедвори мо.

Аз ёд бурдааст магар, тунд меравад,
Бори пиёдаҳост ба души савори мо.

Эй гулбадан, ки домани шафқат буридаӣ,
Раҳме, шикаст барги гулат шохи хори мо.

Рашки ҳазор гулшани гулҳои тар бувад
Пажмурдагаштагони ҳазону баҳори мо.

* * *

Қабои маслиҳат танг омад имрӯз,
Ки аз беғайратӣ нанг омад имрӯз.

Зи якрангӣ дилам бикшоду во шуд,
Ҳавасолудаи ранг омад имрӯз.

Ба ҷуз талхӣ надидам ҳосили ӯ,
Сабӯи сабр бар санг омад имрӯз.

Ба сози рози най ранге надидам,
Аҷаб даврони найранг омад имрӯз.

Ба боли орзу бастам дили худ,
Маро бо ақли худ ҷанг омад имрӯз.

Хари давлат гурезон асту афсус,
Ки аспи бахти ман ланг омад имрӯз

## НАЗИРА БАР ҒАЗАЛИ ОЗАР

Фидои дидаи чори маҳи ягонаи ман,
Ки роҳпои ман умрест пушти хонаи ман.

Ба он забони дуогуву дасти фотиҳагир,
Ки пои ғусса науфтад ба остонаи ман.

Малули модари ҷонам зи дуриҳо, чи кунам,
Чу боди давр парешон намуд донаи ман.

Чу мурғи кучӣ талабгори ризқ мегардам,
Ман аз кучову куҷо монда ошёнаи ман.

Барои бехирадон болу пар сабукборист,
Дареғи ақл, ки гардид бори шонаи ман.

Бад он умед, ки ҳастеду боз мемонед
Ту боми хона, падар шаҳсутуни хонаи ман.

Шарораам, ки ба рағми ҷаҳони пурхасу хор
Бувад забони дуои шумо забонаи ман.

* * *

Обод тавон кардан ин гушаи вайрона,
То боз бувад манзил, то боз шавад хона.

Осуда машин, бархез, бархезу ба ҳам омез,
Як ҳиммати шоҳона, сад ғайрати мардона.

Хуршеду маҳу анҷум дар синаи ин манзил,
Ту шамъ чи меҷӯӣ аз манзили бегона.

Ин боғ биёбон шуд, ин кишта найистон шуд,
Аз кишти касон дорӣ азми талаби дона.

Ваќт аст, ки дил гирӣ з-ин одати нахчирӣ,
Эй шери ќафас, бишкан ин кундаву завлона.

* * *

Кошки аз лутфи истиқлоли мо,
Боз гардад ғунчаи иқболи мо.

Ҳиммати мо он қадар гардад қавӣ-
Санги роҳи мо шавад помоли мо.

Эй Худовандо, зи рӯи марҳамат,
Рашки мурғони ҳаво кун боли мо.

Сояи раҳмат чу бар мо афканӣ,
Рӯз то рӯз беҳ шавад аҳволи мо.

Хуштар аз дина шавад имрӯзи мо,
Беҳтар аз соли кӯҳан имсоли мо.

Кори мо бе илм бологир нест,
Илми мо пайванд бо аъмоли мо.

Махзани ризқ асту ҷойи нозу нуш,
Тоҷикистони биҳиштамсоли мо.

Нӯши ҷони мо бигардон, эй Худо
Косаи аз ризқ моломоли мо.

* * *

Биё, ҷоно, ки дастат гирам, охир,
Ки дар пои ҳавас мемирам, охир.

Даме бо зиндагӣ пайванд моро,
Аз ин дилмурдагон дилгирам, охир

Чӣ дорам поси шират, моми дунё,
Ки додӣ заҳр ҷойи ширам, охир.

Сафои хотири ёре наолуд,
Дареғи оҳи бетаъсирам, охир.

Худовандо, пару болам чу додӣ,
Кушо ин пои дарзанҷирам, охир

Тани афсурда бар гуши дилам гуфт:
Ман аз ту қасди худ мегирам, охир

Ба умеде агарчи зистам ман,
Дареғо оқибат мемирам, охир.

* * *

Чӣ дунёе, ки шомашро саҳар нест,
Умеди дидани шамсу қамар нест.

Бародар бо бародар кина дорад,
Писарро ҳеҷ парвои падар нест.

Ҳунармандон зи баски хор гаштанд,
Касеро рағбати илму ҳунар нест.

Хуроки гушна ғам гардиду ғусса,
Насиби ташна ҷуз хуни ҷигар нест.

Туфайли шурии пешонаи мо,
Дарахти сабри моро як самар нест.

Умеду орзу шуд бори дилҳо,
Марому майл ғайри дарди сар нест.

Ба зоҳир ҷумла муслимему дар асл
Каси аз дину имон бохабар нест.

Фиғон аз рӯбаҳони рангкарда,
Дар ин беша, Худоё, шери нар нест.

Ҳазорон ошно соҳибназар шуд,
Якеро сӯи мо ними назар нест.

Миёни чор дарё мондаам ман,
Чӣ дарёе, ки як роҳи гузар нест.

Чу доман барзанам шарманда гардам,
Ба ҷуз тардоманӣ роҳи дигар нест.

Забон дар банд кун, ай руҳи саркаш,
Ҷавонмардони давронро ҷигар нест.

Тасало деҳ бад ин афсона худро,
Ки тири осмониро сипар нест.

*1992*

* * *

Ҷонам зи ҳаҷри рӯи ту фарёд мекашад,
Най низ нолае паи имдод мекашад.

Табъам зи қатра-қатраи хуни дили ҳазин
Ҳарфи таре ба риштаи эҷод мекашад.

Моро чӣ шуд, ки мурғи қафасошёни мо,
Бори малоли мардуми озод мекашад,

Хуш ҳоли Хусраве, ки дар ин дашти обҷӯ,
Ҷӯе ба шодбошии Фарҳод мекашад.

Чун сорбон зи маҳмили мо дур мондааст,
Бешак таноби қофиларо бод мекашад.

Навгунагӯӣ гарчи на мушкил бувад, вале
Дил бар атои табъи Худодод мекашад.

* * *

Бори ин зиндагӣ ниҳода ба бод,
Ҳар чи шуд ҳаст, ҳаст бебунёд.

Рафта аз ёдҳо чи буда, ки буд,
В-он чи мондаст меравад аз ёд.

Алғараз умри мову гашти замон,
Гарди роҳеву як дамидани бод.

Ғами беҳуда мехурад Ширин,
Ҷони беҳуда меканад Фарҳод.

* * *

Ҷоми дил лабрез агар аз орзу хоҳад шудан,
Рӯи дунё як баҳори рангу бӯ хоҳад шудан.

Гар ба чашми кам набинӣ ҳиммати мардонаро,
Зиндагӣ сарфи талошу ҷустуҷӯ хоҳад шудан.

Ҷои ин писханд агар чашми тараҳум во кунӣ,
Ашки чашме обёри обру хоҳад шудан.

Гар касе бар чарх месояд кулаҳ, дил бад макун,
Чархи гардон бар сари нокас фуру хоҳад шудан.

Ноумедӣ чанд хори пои ҳиммат мешавад,
Хез, қисмат дастгири орзу хоҳад шудан.

Хилъати бегонагӣ гар аз танат берун кунӣ,
Сад нидои «Марҳабо» аз чор сӯ хоҳад шудан.

* * *

Хуш давидему ба ҷое нарасидем, дареғ,
Ин ҳама ранҷ ба беҳуда кашидем, дареғ.

Пои мо маскани сад хори биёбон гардид,
Асар аз манзили мақсуд надидем, дареғ.

Дидае дар ҳаваси дидани мо боз нашуд,
Субҳ будему ба новақт дамидем, дареғ.

Шурхоре бағали марҳамати худ накушод,
Абри лутфему бад ин шура чакидем, дареғ.

Даст бурдему зи мо домани худ боз кашид,
Дӯст гуфтему ба душман гаравидем, дареғ.

* * *

Хабар дорӣ, ки хоке нам бигирад,
Чу абри тирае мотам бигирад.

Заъифонро физояд шодмонӣ,
Зиёдарафтаеро кам бигирад.

Хати қисмат на ҳамвор асту якранг,
Замоне шодӣ ҷои ғам бигирад.

Чу иблис аз Худо навмед гардад,
Ба зорӣ домани одам бигирад.

Ҳазар аз морбардуше, ки рӯзе
Фаридунвор ҷоми Ҷам бигирад.

Намонад қиммати хайру саховат
Чу Қорун пешаи Ҳртам бигирад.

Ба Хатлонӣ, бигӯ, ай боди саркаш,
Даме аз ҳарзагӯӣ дам бигирад.

* * *

Марав, марав, ки дареғ аст интизории ман,
Ки ман ғарибу фақирам, дареғи хории ман.

Агарчӣ ҷону дилам сӯхт дар канораи ту,
Марав, аҷузаи ғам мешавад канории ман.

Ҳама саодати дунё агар насиб набуд,
Дареғи мавсими парҳезу рӯзадории ман.

Биё, ки ғарқаи туфони Нӯҳ хоҳам шуд,
Бубин, ки зор бигиряд фалак зи зории ман.

Агар ба ҷони ҷавон раҳм нест, раҳм бикун
Ба рӯи тирамаҳу дидаи баҳории ман.

Ба ман ба чашми ҳақорат нигоҳ менакунӣ,
Ки ман хазонаи лутфам, дареғи хории ман.

Биё-биё, ки нагӯям зи бори ҳасрату ғам,
Дареғи умри ману ҳайфи чашмчории ман.

Бубин, ки аз ҳаваси сабзаи висоли касе
Саманди фикр чӣ аҳл аст дар савории ман.

* * *

Баски фақри ман наолояд гиребони маро,
Дӯст мегирад ба ҷои даст домони маро.

Бениёзиҳои ман як худфиребӣ беш нест,
Кас намепурсад зи ман ҳоли парешони маро.

Бенасиб аз абри лутфу боди раҳмат гаштаанд,
Ҳайфи ин гулҳо, ки мерӯяд биёбони маро.

Кай Худовандо, сабукбориву хушҳолӣ бувад,
Хандаҳои зери бори ғусса гирёни маро.

Ончунон аз пардаи исмат бурун афтодаем,
Кофаре ку, то адаб созад мусулмони маро.

Дар қиёмат дасти мову домани инсофи ту,
Осафо бо дев нафрушӣ Сулаймони маро.

Абри лутфему зи хоки ташна дур афтодаем,
Ташнагон дар хоб мебинанд борони маро.

Ҳамчу мазмун дар либоси назм гаштам ҷилвагар,
Кист то фаҳмад ишоратҳои пинҳони маро?

* * *

То кай ба хоби нозӣ, эй ғунчаи расида,
Бикшой чашму бингар, хуршед сар кашида.

Банди қабо раҳо кун, лабҳо ба ханда во кун,
То бед шарм гирад аз гардани ҳамида.

Боди рамидахӯро як лаҳза дар бағал кун,
Бар ҷумлагӣ фишонад атри лабат макида.

Дунёи тундхӯро в-ин хоки тирарӯро,
Ранги дигар бубахшо, аз синааш дамида.

Ин хилъати арусӣ, эй хок, бар ту зебад,
Доман кушода дорӣ, абр асту оби дида.

Эй себи тирамоҳӣ, ту тирадил чароӣ,
Гӯй ки шарм дорӣ аз гесӯи бурида.

Моему кунҷи бустон, дастеву нори пистон,
Оташ гирифт бӯса дар пайкараш давида.

Аз тангии нафасҳо, аз гармии ҳавасҳо,
Дил гашт ҷумла аъзо, дар оғӯшаш тапида.

Ё Раб, чӣ қомат аст ин, боғи латофат аст ин,
Гуфто: «Қиёмат аст ин»-зери лабаш газида.

Сар то ба пой лаб шуд, сад зорӣ як талаб шуд,
Море бигашт ҳастӣ, бар ганҷи ӯ хазида.

Хизрему оби ҳайвон, хуш бош, эй Сикандар,
Ё Раб, чӣ оби рӯе бар доманаш чакида.

* * *

Ташбеҳи лабат ба қанд кардам,
Озӯрдиву рӯ турӯш кардӣ.

Аз ҳалқаи абрӯвон диламро,
Гӯшвораи ғам ба гӯш кардӣ.

То парда ба рӯи моҳ бастӣ.
Дунё ҳама дар хурӯш кардӣ.

Ин пардагиёни исмати ман,
Мастони даридапӯш кардӣ.

Чашмони сиёҳи мастро гӯ:
Хира нигаҳе, ки дӯш кардӣ.

Ҳаққи намаке надошт охир,
Хуни ҷигаре, ки нӯш кардӣ.

* * *

Дар банди ту, ай ёр, гирифторам,
Рафтаст, тобу тоқати рафторам.

Дастам ба ноз гир, ки мегирад
Ин лаҳни ширадор зи гуфторам.

Чун оҳӯям нигоҳ ҳамесозӣ,
Ин сон макун, ки мекунӣ беморам.

Дар сина метапад дили бечора,
К-эй ёр аз миёна бубардорам.

Тарсам, ки беғубори шабонгоҳӣ
Гирад ғубори дидаи бедорам.

* * *

Номаи он ёр расидан гирифт,
Дил ба барам боз тапидан гирифт.

Оҳӯи дил аз чамани ёди ӯ
Сабзаи андӯҳ чаридан гирифт.

Пардаи машриқ саропо дарид,
Бод зи мағриб вазидан гирифт.

Нақҳати гесӯи ту овард бор,
Аз рухи гул об чакидан гирифт.

Боз ҳавову ҳаваси ишқи ту
Бар рагу пайванд давидан гирифт.

Панҷаи ишқат зи дигар боз шуд,
Пираҳани сабр даридан гирифт.

Ҳузни ту бо панҷаи печони худ
Гирди дилам тор танидан гирифт.

Ҷони забонбаста ба фарёд шуд,
Ақл ба як кунҷ хазидан гирифт.

* * *

Эй чашми нагашта чор бар ман,
Боз омадаӣ дучор бар ман.

Ман домани ту зи даст додам,
Охир, дили ман гузор бар ман.

Эй бор Худо, насиба кардӣ
Бар ҷумла гулеву хор бар ман.

Бошад сабаби сиёҳрӯзӣ
Ин шӯхии рӯзгор бар ман.

Дилмурдаву дилшикастаам ман,
Дарду алами ту бор бар ман.

Бар гури дилам чу пой монӣ,
Як бӯса ҳавола дор бар ман.

* * *

Чи гуворост таҳи дандонам
Лаби қанде, ки баҳояш ҷонам.

Шаҳду шир аст забонаш, ё Раб,
Тифламу шири лабе хоҳонам.

Эй ки болову барат хирмани гул,
Гашт хун аз ту лаби поёнам.

Мӯй аз пушту бари гардани худ,
Бишикан, то шиканад армонам.

Даст бар домани матлаб задаам,
Оташе сухт лаби домонам.

Себи рухсор ба пирон манамо,
Пир гардад ҳаваси дандонам.

Ҳавасолудаи пире чӣ кунам,
Чӣ равад дил, чӣ бараяд ҷонам.

Ғайри ман сӯи касе ханда макун,
Лаби хандони туро пазмонам.

* * *

Ханда кун, ханда, ки ғам пир шавад,
Ғусса побастаи занҷир шавад.

Бахудо, он даҳани танг мапӯш,
Мон ҷаҳон ғарқаи ин шир шавад.

Қалам аз саҳв ба абрӯй мабар,
Саҳв дар дафтари тақдир шавад.

Рӯи оина намоён бинамо,
Ки Худо ошиқи тасвир шавад.

Тарсам, аз бори латофат, ки турост,
Шохаи сабр замингир шавад.

Таъби Хатлонӣ ҷавон аст ҳануз,
Ҳайф бошад, чу ҳавас пир шавад.

* * *

Эй мани дилбастаи афсуни ман,
Дар дили сарде чи биҷӯӣ ватан.

Сурати зебову дилорову бас,
Турфа Худо ҷӯстаӣ, эй барҳаман.

Ақл ту ин завқ чӣ донӣ, ки чист,
Дил бирабоиду бикоҳид тан.

Булбулу гул волаву шайдо шавад,
То бихиромад бути ман дар чаман.

Аз қадамат хок шуд ороста,
Шури ҷавонист дар ин пиразан.

Дар ҳаваси нӯшлабат сӯхтам,
Марҳамате, рафт маҷоли сухан.

Боғи биҳишт аст дар оғӯши ту,
Баҳри Худо, бош дар оғӯши ман.

* * *

Чӣ кардӣ, чӣ кардӣ дили беқарорам,
Ҳавое гирифтӣ, ки тоқат надорам.

Чӣ кубӣ, чӣ кубӣ дари синаамро,
Нафас танг кардӣ, бибурдӣ қарорам.

Зи рӯе, зи мӯе парешон чӣ гаштӣ,
На танҳо ту бошӣ, на ман бешуморам.

Чу Юсуф ба чоҳат намудам,бирастӣ,
Ҳазорон Зулайхо кашидӣ канорам.

Чи гуна, чи гуна ҳамоҳанг гардем,
Ту субҳи умедиву ман шоми торам.

* * *

Тарсам, ин лаҳза агар роҳи нафас боз кунам,
Ҳамагӣ боди ҳавас гардаму парвоз кунам.

Ончунон маҳви қаду басти нигоре шудаам,
Лаб зи дандон нараҳад, то сухан оғоз кунам.

Эй ки бепарда дар ин маърака боз омадаӣ,
Бош, то тури нигаҳ бар ту сарандоз кунам.

Оби рӯ рехт ба хоки қадамат, бок мадор,
Олами шарму ҳаё садқаи як ноз кунам.

Агар ин лаҳза ба домони ту дастам нарасад,
Ман гиребони фалак то ба замин боз кунам.

Аз ҳунар рӯи ҳунарманд тавонам дидан,
Рӯй бинмой, ки хоҳам ба Худо роз кунам.

Хоҳам ин лаҳза гули бӯса бикорам ба танат,
Худ бигӯ, баҳри Худо, то зи чӣ оғоз кунам.

Сад раҳ ин дил бифиребиду ба доме бикашид,
Чӣ кунам, то адаби дидаи ғаммоз кунам.

Тарсам, ин киштӣ ба дардат нахурад, Нӯҳи набӣ,
Ҷилави ашк ба як лаҳза агар боз кунам.

Тангии ҳоли ману вусъати ин дил, ки марост,
Шак надоред, агар даъвии эъҷоз кунам.

# Ш Е Ъ Р

## ЭЙ МЕҲРУБОН РАФИҚ

*Эҳдо ба Юсуфҷон Юсуфзода*

Эй меҳрубон рафиқ,
Ҳайф аст, агар гузашта фаромуш мешавад.
В-он шӯълаи муҳаббати беинтиҳои мо
аз сардии нафас
хомуш мешавад.

Эй меҳрубон рафиқ,
Ин зиндагист маъракаи имтиҳони мо.
В-ин домани замин
Овардгоҳи ҳиммату тобу тавони мо
В-аз баҳри сайди ҷоҳу ҷалолу камолу ном,
Ақлу забони мост чу тиру камони мо.
Як дил бувад, ки дар ҳама ин гиру дорҳо
Лабрези шавқу шур
ё аз худаш нуфур.
Таъсиргири ҷумлаи суду зиёни мо.

Эй меҳрубон рафиқ,
Донам, ки то ҳануз
Равшан зи нури синаи соф аст манзилат
Боди муроду киштии бахтат насиб бод,
аммо мабар зи ёд
Он дустони монда парешон ба соҳилат
Пур бод хонумони ту аз шодиву сурур,
Холӣ мабод ҷои ман аз гушаи дилат.

## ФАРЁД

Ба дарозӣ кашид шоми дилам,
Офтоби назар дареғ мадор.
Хоки роҳам гузори пои хушат,
Аз ман, эй раҳгузар, дареғ мадор.

Солҳо шуд, ки ман зи дурии ту
Бо ғаму дард ошно шудаам.
Ҳамчу барге зи «лутфи» боди хазон,
Аз сари шохае раҳо шудаам.

Ғалт-ғалтон зи боди хотираҳо
Хаставу ташна меравад дили ман.
Боз мебинамат чу оби ҳаёт
Мегурезӣ зи санги соҳили ман.

Шодбоши дили ҳазини маро
Чӣ касе ғайри ту тавонад гуфт.
Чӣ касе ғайри ту зи домани дил
Гарди андуҳу ғам тавонад руфт.

Шикваҳо аз ман асту ғайрати ман,
Ки нашӯрад хилофи қисмати ту.
Рӯи шодӣ дигар нахоҳам дид,
Аз намаккурии муҳаббати ту.

Аз ҳама киштаи ҳавову ҳавас
Нест ҷуз бори ғусса ҳосили ман.
Ҷони ман ҳар нафас занад фарёд,
Оҳ танг аст, танг манзили ман.

## НАВРӮЗӢ

Эй ғунчаи интизор, бархез,
Эй сабзаи бемадор, бархез.
В-эй гул бикушой домани худ,
Эй муждаи навбаҳор, барҳез!

Дил буд маро ба ғуссаҳо ҷуфт,
Ногоҳ димоғи шодӣ ошуфт,
Дасташ бигирифту бар дилам гуфт:
Эй гул, зи канори хор бархез!

Эй хастаи ҷабри турку тозӣ,
Эй гашта ба фақри хеш розӣ
Вақт аст, ки чорае бисозӣ,
Аз домани рӯзгор бархез!

Бархез зи домани гадоӣ,
То чанд фақиру бенавоӣ
Вақт аст, ки чашми худ кушоӣ,
Эй ғайрати мардвор бархез!

Бигзашт замони интизорӣ,
Дар оғӯши барф беқарорӣ.
Хуршед ба абр кард зорӣ:
Эй гиряи хандабор, бархез!

Сардӣ бигузашту гарм гардид,
Ҳам рафтани бод нарм гардид,
Ҳангоми видои шарм гардид,
Эй дилбари шармсор, бархез!

Дунё ҳама рангу бӯй гардид,
В-ин хок фариштахӯй гардид.
Пурсабза канори ҷӯй гардид,
Эй хандаи обшор, бархез!

Мардум ҳама интизори Наврӯз,
Дилҳо ҳама беқарори Наврӯз
Андар қадами нигори Наврӯз
Бархез, паи нисор, бархез!

## ХАНДАБОРОН

Ханда мерезад чу аз лабҳои ту,
Ханда мерезад зи сар то пои ман.
Қатра-қатра баҳр гардад хандаҳо
Ғарқи шодӣ мешавад дунёи ман.

Ханда мерезад чу аз лабҳои ту,
Ғусса мешорад зи ҷоми синаам.
Аз зулоли хандаҳои беғашат
Мезудояд занг аз оинаам.

Ханда мерезад чу аз лабҳои ту,
Мекушояд дил дару девори худ.
Мекунад навмедии деринаро
Пойкуби хандаи бисёри худ.

Ханда мерезад чу аз лабҳои ту,
Бо фараҳ дил ҳамнишинӣ мекунад.
Аз гулистони лаби хандони ту
Мурғи ҷонам хандачинӣ мекунад.

Ханда мерезад чу аз лабҳои ту,
Мекушояд ғунчаи иқболи ман.
Сарфарози осмонҳо мешавам
Мешавад сад хору хас помоли ман.

Хандаборони лаби хандони ту
Сад хазонеро баҳорон мекунад.
Бахти аз мо умрҳо рӯтофта
Ҷониби мо хандаборон мекунад.

## ТИРАМОҲУ БАҲОР

Нозида нигаҳ макун ба сӯям,
То васли туро дигар наҷӯям
Ишқам чу ба рӯи об монад,
Тарсам, ки бирезад обрӯям.

Ту тозаниҳоли наврасида,
Мо тирамаҳу баҳор дида.
Аз мо нашавад мурод ҳосил,
Ҷуз доғи ба доманат чакида.

Он гаҳ ки ба ноз мехиромӣ,
Эй войи ману зи талхкомӣ.
Узре ту барои ман наҷӯӣ,
Маъзур бидорамат, ки хомӣ.

Бо ин ки нигори шӯху шангӣ,
Моҳӣ, ба ниҳояти қашангӣ.
Донам, ки ба он ду даста оташ
Сӯзандаи ору ному нангӣ.

Эй зебу шукӯҳи ин замона,
Аз қудрати зоти ҳақ нишона.
Роҳи ту дароз, бол бикшо,
Ҳаргиз манишин бар остона.

Эй шӯх, ки то ҳануз хомӣ,
Бигзар зи ману зи зиштномӣ.
Бигзор, ки ишқи содаи мо,
Монад зи даҳан зи нотамомӣ.

## ПАРИИ ОБӢ

Ҳаётам талх кардӣ, ҷони ширин,
Хиромон, кокулафшон дур гаштӣ,
Ҷамолат нақш бастӣ дар хаёлам,
Чаро рӯ бастиву мастур гаштӣ.

Чӣ оташ будӣ, эй турки ҷаҳонсӯз,
Ки бунёдам ба хокистар кашидӣ.
Тапидӣ лаҳзае дар бистари ман,
Дилам як умр дар бистар кашидӣ.

Мусофир будаму оғ ӯши гармат,
Ватан гардид ҷисми хастаамро.
Мусофирпарварона ҷой гаштӣ,
Дили бо тори мӯят бастаамро.

Зи ман дурӣ, саропо хирмани гул,
Баҳорони каноратро кӣ бӯяд?
Кӣ дигар гоҳи завқидан ба гӯшат,
Ба лафзи ношиносе шеър гӯяд?

Замоне то бубинад сер рӯят,
Фалак осояду ором гирад..
Шаби маҳтоб баҳри дидани ту,
Ҳазорон чашми дигар вом гирад.

Нигори ман, парии обии ман,
Ману ту дашту дарё дар миёна.
Ту аз хушкӣ рамидӣ, ман зи дарё,
Қазои осмонӣ шуд баҳона.

Надорам тоқату тоби ҷудоӣ,
Шавад рӯзе, ки сӯят бол гирам.
Висоли ёр наздик аст, наздик,
Ман аз хоби гузашта фол гирам.

## БА ЁДИ ТУ

Магӯ, ки аз ҳавас пиёдаам,
Ки ман асири чашмҳои содаам.
Ба содагӣ чӣ дилрабову дилкашӣ,
чи беғашӣ
Маро ба коми аждаҳои ишқ мекашӣ.

Агарчӣ ҳастаам,
Ба санги зиндагӣ чароғи дил шикастаам,
Дил аз ҳаёт кандаву ба марг бастаам,
Вале бигӯ, чӣ оташӣ?
Чӣ нури равшанест дар ниҳоди ту,
Ки ин ҷаҳони сардро
Чӣ рангу буву ҷилваҳост аз нигоҳи шоди ту?!
Ки хоҳам аз Худо,
Ҳазор соли зиндагӣ ба ёди ту.

## АЗИЗИ ҶОН

Ба чашмонат, ки бошад қиблаи дил,
Азизи ҷониву аз ҷон азизӣ.
Надорад умри рафта эътиборе,
Зи умри боқӣ, эй ҷонон, азизӣ.

Ҳаётам тираву тор аст бе ту,
Дилам танг асту оҳанге нагирад.
Ту будӣ обу ранги зиндагонӣ,
Ки бе ту оби ман ранге нагирад.

Ба ёди чашмҳои обии ту
Саропо ғарқи оби дидаам ман.
Зи гулзори хаёли ранг-рангат
Гули афсусу ҳасрат чидаам ман.

Зи бемеҳрии даврон дилгазонам,
Куҷоӣ, эй саропо меҳрубонӣ.
Биёбони диламро оби раҳмат,
Хаёли чашмҳои осмонӣ.

Дили гулбоз бар гулзори ҳуснат,
Чӣ осон додаму мушкил гирифтам.
Чу моҳӣ метапам аз ғафлати худ,
Ки дарё додаму соҳил гирифтам.

Агарчӣ рӯзгоре рафт аз сар,
Таманнои ту аз ҷонам бадар не.
Чунон хоҳам туро, эй ҷони ширин,
Туро аз ҳоли зори ман хабар не.

Бидонам нест ҳолат беҳтар аз ман,
Бидонам гиряҳои зор дорӣ.
Ба сӯи сурате, ки дорӣ аз ман,
Назарҳои маломатбор дорӣ.

Бубахшо, гар тавонӣ, дилбари ман,
Чӣ бепарвову бераҳм аст тақдир.
Маро худ ин гунаҳ бахшиданӣ нест.
Ки аз сайёди қисмат хурдаам тир.

Замоне аз лабонат қанд хурдам,
Кунун заҳри ҷудоӣ боядам хурд.
Шукуфтам дар баҳори бистари ту,
Ҷудо афтодаму гулзор пажмурд.

# РУБОӢ
# ва
# ДУБАЙТИҲО

Бишкасту қалам нагуфт рози дили ман,
Осони касе нагашт як мушкили ман.
Як дона зи мазраи дилам сабз нашуд,
Афсусу дареғи кишти беҳосили ман.

Дунё, ки фасонаест бешу ками ӯ,
Гуфтам, ки фиканданист бори ғами ӯ.
Пажмурдагуле ба нолаи зор бигуфт:
– Донӣ, чӣ ғанимат аст ҳар як дами ӯ.

Ин роҳи дарозу рафтагони пасу пеш,
Бозомаданӣ чу нест, дилҳо ҳама реш.
Чун хок хурад банозпарвардаи хеш,
Ин машғала чист аз барои каму беш.

Фарёд аз ин ҷомаву ин ҷомакабуд,
В-ин коҳи ба доманаш, ки коҳиду фузуд.
Барқе биҷаҳид ба коҳу боде бидамид,
Як хирмани оташеву ҳосил ҳама дуд.

Эй боди ҳавас, ки кардӣ афгор маро,
Сад бор бигуфтамат: «Маёзор маро».
Гумроҳии ман бубахшу як бори дигар,
Аз хок дили фитода бардор маро.

То кай дили интизор хоҳам будан?
Дар пои ниёз хор хоҳам будан?
Эй майлу мурoду ҳирсу ози дили ман,
Хезед, ки чуби дор хоҳам будан.

Эй дил, хабаре зи хеш дорӣ, ё не?
Парвои даруни реш дорӣ, ё не?
Гурге ба даруни меш дорам, ё Раб,
Эй гург, хаёли меш дорӣ, ё не?

Як тозаниҳоли шухҷавлон дидам,
Аз шухии бод кокулафшон дидам.
Кокул чу ба гирди камараш тоб хурад,
Море ба дарахти сарв печон дидам.

Он кас, ки ба иттифоқ бовар накунад,
Хокам ба даҳан, чу хок бар сар накунад.
Мурон чу зи дасту домани ҳам гиранд,
Ку шери наре, ки доманаш тар накунад.

Ёре, ки баҳори ноз дар бар дорӣ,
Дар домани хеш мушку анбар дорӣ.
Хурдӣ қасаму ваъдахилофӣ кардӣ,
Охир ба Худо магар ту бовар дорӣ?

Оваҳ, чи қабои танг бар тан дорӣ,
Ту қасди дили кушодаи ман дорӣ.
Хоҳӣ танат аз либос берун нашавад,
Сад чок ба ҳар канори доман дорӣ.

Эй ғунча, биё, ба ҳоли ман ханда макун,
Булбул ту биё, хотирам оганда макун.
Ту рӯи ӯ бусида ба ман менигарӣ,
Эй бод биё, маро ба ӯ ганда макун.

Маҳкумшудагони кофу нунем ҳама,
Як зарраи хоки ғарқи хунем ҳама.
То арш агарчи дастафшон биравем,
Афсӯс, ки оқибат забунем ҳама.

Чун гард дилам нишаст бар домани ту,
Дар пои ту афтод гаҳи рафтани ту.
Ногуфта хуш асту гуфта хуштар, чӣ кунам:
«Хуни дили бегуноҳ дар гардани ту».

Эй ёр, гирифтӣ ёр сарбории хеш,
Минат naниҳӣ ба ҳурмати ёрии хеш.
Душвории мо бубину душвории хеш,
Хори сари роҳи мову сархории хеш.

Бозой даме, ки дар канорат гирам,
Ором зи ҷисми беқарорат гирам.
Як лаҳза агар лабони худ боз кунӣ,
Сад буса зи лаъли обдорат гирам.

Имшаб ту ба беҳуда маёзор маро,
Озурда макун бо каму бисёр маро.
Ман рафтаниям, ки боз оям ба умед,
То субҳ ба буса дил ба даст ор маро.

То аз ту муроди хеш ҳосил накунам,
Лабҳои туро ба буса моил накунам.
Ором даме маро чу дарё набувад,
Оҳанг ба ҳеҷ рӯи соҳил накунам.

Олам ҳама розу маҳрами роз нашуд,
Аз ҳеҷ тараф садои овоз нашуд.
Дар пушти ҳазор дар нишастам ба умед,
Афсӯс, даре ба рӯи ман боз нашуд.

Ин сон, ки ба васл беқарор омадаӣ,
Дар тирамаҳи дилам баҳор омадаӣ.
Эй шодии лаҳзаина, шукрат чӣ кунам?
Бар души ҳазор ғам савор омадаӣ.

Эй шух, лаби ба ханда моил дорӣ,
Дар хонаи чашми ёр манзил дорӣ.
Боре чу сипоси хонадоре накунӣ,
Аз баҳри чи қасди хонаи дил дорӣ.

Як дилбари ғамгусор мебояду нест,
Ду дидаи интизор мебояду нест.
Сад гулшану боғу роғ гаштам ба умед,
Як гул зи ҳазор хор мебояду нест.

Оҳ аз туву аз лабони қанде, ки турост,
Оҳ аз қаду қомати баланде, ки турост.
Ҳар чӣ ки турост ҷумла хуб асту хуш аст,
Оҳ аз мани зору мустаманде, ки турост.

Дар ишқи ту беқарор будан чи хуш аст,
Дар кӯи ту интизор будан чи хуш аст.
Хуш нест, ҳар он чӣ бе ту бошад, хуш нест.
Аз баҳри ту зери дор будан чи хуш аст.

Қурбони лабу даҳони пурхандаи ту,
Сад ғунчаи навшукуфта шармандаи ту,
Ҳрҷат ба зару зуриву зорӣ набувад,
Як хандаву сад ҳазор кас бандаи ту.

Моему дилеву оламе дарду алам,
Шодии нуҳуфтаеву боқӣ ҳама ғам.
Баъди сари мо чӣ боз монад, гӯӣ,
Як дафтару сад чакидаи ашки қалам.

Дар маҳфили дилбарони майхораву маст
Дил рафт маро чу соғаре даст ба даст.
Чун дар дили ман ба ҷуз алам ҳеҷ намонд,
Мискин дилам аз кафе биафтоду шикаст.

Эй карда ба зулфи хеш пайванд маро,
Бо ҳарфи дурӯғи хеш хурсанд маро.
Серам, ба Худо, зи ваъдаҳоят, донӣ?
Аз баҳри Худо, дигар мадеҳ фанд маро.

Эй ғунчаи гул, майли шукуфтан чӣ кунӣ?
В-ин роз ба гӯши бод гуфтан чӣ кунӣ?
Он гаҳ ки ба неши хор озурда шавӣ,
Беҳуда ба сина мушт куфтан чӣ кунӣ?

Гар шафқати дасти ошное нарасид,
Ин пойи пиёдаам ба ҷое нарасид.
Донам, ки чӣ бебаҳо бувад ёрии ӯ,
Ҳарчанд зи мо ба ҷуз дуое нарасид.

## ҲУШДОР

Ҳар он кас, ки ҳарфи хато мезанад,
Зи гуфтори худ дар бало мезанад.
Хатоӣ набошад ба гуфтори мо,
Шикамбандагонро худо мезанад.

## ДӮСТ

Он Юсуфе, ки ҳомии инсофу дод ӯст,
Дидори ӯст дилкашу рафтори ӯ накӯст.
Яъқуб нури чашм гар аз пираҳан биёфт,
Равшан ду чашми мост зи дидори рӯи дӯст.

Юсуф, ки қабои сидқ дар бар дорад,
Сад гуна хаёли нек бар сар дорад.
Ӯ дар ғами мову мо зи худ бехабарем,
Он кист, ки инчунин бародар дорад.

Эй дӯст, дарахти меҳр бар дил дорӣ,
Шукрона, ки сад ҳазор ҳосил дорӣ.
Шукри ту ҳазор сол бояд гуфтан,
Афсӯс, чу ман рафиқи коҳил дорӣ.

## ДУБАЙТИҲО

Нигори дилнишину дилписандӣ,
Ҳама лутфию сар то пой қандӣ.
Зи поафтодагонам, дасткӯтаҳ,
Дареғ о, меваи шохи баландӣ.

Назарафтодагони эътиборем,
Саги баднафси давронро шикорем.
Маю мастӣ насиби дигарон шуд,
Хуморолӯдагони интизорем.

Замоне санги соҳил будаам ман,
Зипоафтодаи дил будаам ман.
Кунун бо мавҷи дарё дар набардам,
Аҷаб дорам, ки коҳил будаам ман.

Ба дунё одами оқил надидам,
Миёни сад бадан як дил надидам.
Бидидам шӯри дарёи хурушон,
Наме андар лаби соҳил надидам.

Дил аз майхорагию майпарастӣ,
Гирифтам, то бигирам завқи ҳастӣ
Зи якрангии ҳушёрӣ рамидам,
Куҷоӣ рангбози чашми мастӣ.

Ҳавои ошиқон дар дил нағунҷад,
Ки бӯи мушк дар манзил нағунҷад.
Манам дарёву мешорам ба ҳар сӯ,
Ки туғёнам ба ду соҳил нағунҷанд.

# СОҚИНОМА

Соқиё, обе мани дарвешро,
То физоям обу рӯи хешро.

Гарчи моро кас намедорад ба кас,
Гавҳаре дорам ба зери хору хас.

Назри мо кун оби оташнокро,
То бисӯзад ин хасу хошокро.

То забон аз банд бикшояд маро,
Худ ситоям, кас чу настояд маро.

Ман-манӣ кардан муроди мо набуд,
Кибри мо сабри шуморо озмуд.

Сад чаман маънист пинҳонии ман,
Интизори табъи боронии ман.

Фақр мегирад раҳи андешаам,
В-арна хоро мешикофад тешаам.

Дар ниёзи бениёзиҳостам,
Мазраи хушки лаби дарёстам.

Соҳили бо оби борон зиндаам,
Баски аз дарёи дун шармандаам.

Осмони аз замин пӯшидаам,
Чашмаи дар зулмате ҷӯшидаам.

Дар суроғи Хизр саргардон шудам,
Абр гаштам, рехтам, борон шудам.

Сина бикшо, нуру боронат диҳам,
Хизр шав, то оби ҳайвонат диҳам.

Ҳамрадифи кӯҳи побарҷостам,
Пой дар банду сари болостам.

Бол бикшояд агар иқболи ман,
Осмон хезад ба истиқболи ман.

Пили қисмат хастаи пайкори ман,
Пашша механдад ба ҳоли зори ман.

Соқиё, лабрез кун бунёди ман,
То биларзад кӯҳ аз фарёди ман.

Қатраам бикшояду Уммон шавад,
Зараам хандад, баҳористон шавад.

То қарори рафта боз ояд маро,
Дил зи мушти ғусса бикшояд маро.

Эй Худои нафсу ақлу ҷисму ҷон,
Танг шуд баҳри сари мо осмон.

Ин кӯлаҳ фарсуд аз тобандагӣ,
Зиндагӣ олуд бо шармандагӣ.

Хаста шуд хуршеди оламгири ман,
Аз ғубори саркаши тақдири ман.

Раҳмате бар ин дили афгори ман,
Чорае бинмой бар ночори ман,

В-арна хори орзу хоҳам шудан,
Устухонат дар гулӯ хоҳам шудан.

Эй муғанӣ, нағмае оғоз кун,
Мардумонро бандаи овоз кун.

То маи нобам гуворотар шавад,
Ин дили лабташнаи мо тар шавад.

То дили афтода бардорад маро,
Аз гиребон сар бурун орад маро.

Як диле дорам парешон аз ҳавас,
Хотире ошуфтаи боли магас.

Ҷамъ кун ҷамъи парешони маро,
Аз ҳавас сероб кун ҷони маро.

Нағмаи довудие оғоз кун,
Душманонро дӯст бо овоз кун.

Шояд ин гарданда пири кузпушт,
Як замон ҳамвор гардонад дурушт.

Аз нишебу аз фароз эмин шавам,
Аз таманнои ниёз эмин шавам.

Эй Худованди раҳиму меҳрубон,
Бар муроди мо бигардон осмон.

Эй, ки аз суду зиён болотарӣ,
Аз яқину аз гумон болотарӣ.

Эй, ки бо ду ҳарф дунё офарӣ,
Бо имое сад Сураё офарӣ.

Хокдон гарде бувад аз ҷуди ту,
Осмон як қатрае аз руди ту.

Мушти хокеро тапиш омӯхтӣ,
Оташе дар синааш афрухтӣ.

Ноумедонем аз дунёи ту,
Бо умеди ваъдаи фардои ту.

Ёраб, ин шоми дили мо рӯз кун,
Ваъдаи фардои худ имрӯз кун.

## ФЕҲРИСТ

Хайрандеш. Табъи дарёӣ. ....................................................3

### ҒАЗАЛ

Эй Худои ҳозиру пинҳони мо ..............................................6
Худовандо, сари андешаборам ..........................................8
Хабар дорӣ, хабар дорӣ, ки мастам ......................................9
Худовандо, дили сангам ато кун .........................................10
Худовандо, сари шарманда дорам .......................................11
Эй буда, ки кардӣ ҳаст моро ...............................................12
Дигарон рафтанд, моён мондаем .........................................13
Худовандо, раҳе бинмой бар ман .........................................14
Шукрона, эй Худой, ба доди ту .............................................15
То куҷо парвоз бошад ҳиммати девонаро ...............................16
Касе, ки роҳати дунё варо муяссар шуд ..................................17
Имшаб канори боғу гулистонам орзӯст ...................................18
Пухтаҳоро хом дорад хоми мо ...............................................20
Ҷамъ шав, ҷамъ, парешонии ман ...........................................22
Гар аҷузи фақр гирад даст аз домони мо .................................24
Эй, дил дигар ту тарки ғами рӯзгор кун .................................25
Ба сад дарде яке дармон харидам...........................................27
Зи даври чарх гашта моҳ пора ...............................................28
Эй дил, дарахти сабр замоне самар диҳад .................................29
Агар аз синаам як оҳи дардолуд бархезад..................................30
Дил гирифт аз адабӣ гапзаниҳо...............................................31
Дар Бадахшони дили ман лаъл баст .........................................32
Мо боди баҳорем, вазонем, вазонем..........................................33
Агар ки бахт набошад, ҳунар чӣ суд кунад? ...............................34
Гарчӣ бо ҳоли харобу ранги зард афтодаем ...............................35
Ғам махӯр, эй дил, агар сад бод гардон мешавад ........................36
Субҳ хезад аз шаби торам ҳануз ..............................................37
Ману эҳсоси фурудастии ман ...................................................38
Сари ҳушёрӣ надорад дили девонасиришт .................................39
Ҷуз яъс нест оқибати касбу кори мо.........................................40

Қабои маслиҳат танг омад имрӯз........................................41
Назира бар ғазали Озар......................................................42
Обод тавон кардан ин гушаи вайрона .................................43
Кошки аз лутфи истиқлоли мо .............................................44
Биё, ҷоно, ки дастат гирам, охир..........................................45
Чӣ дунёе, ки шомашро саҳар нест .........................................46
Ҷонам зи ҳаҷри рӯи ту фарёд мекашад..................................48
Бори ин зиндагӣ ниҳода ба бод .............................................49
Ҷоми дил лабрез агар аз орзу хоҳад шудан .........................50
Хуш давидему ба ҷое нарасидем, дареғ ...............................51
Хабар дорӣ, ки хоке нам бигирад..........................................52
Марав, марав, ки дареғ аст интизории ман.........................53
Баски фақри ман наолояд гиребони маро ...........................54
То кай ба хоби нозӣ, эй ғунчаи расида..................................55
Ташбеҳи лабат ба қанд кардам ............................................56
Дар банди ту, ай ёр, гирифторам ..........................................57
Номаи он ёр расидан гирифт.................................................58
Эй чашми нагашта чор бар ман ...........................................59
Чи гуворост таҳи дандонам ...................................................60
Ханда кун, ханда, ки ғам пир шавад.....................................61
Эй мани дилбастаи афсуни ман.............................................62
Чӣ кардӣ, чӣ кардӣ дили беқарорам.....................................63
Тарсам, ин лаҳза агар роҳи нафас боз кунам.......................64

**ШЕЪР**

Эй меҳрубон рафиқ .................................................................66
Фарёд.......................................................................................67
Наврӯзӣ.....................................................................................68
Хандаборон ..............................................................................70
Тирамоҳу баҳор .......................................................................71
Парии обӣ..................................................................................72
Ба ёди ту ...................................................................................74
Азизи ҷон ..................................................................................75

**Рубоӣ ва дубайтиҳо**...................................................................78
**Соқинома** .................................................................................86

**Сафармуҳаммади Хатлонӣ**

**ЗАВРАҚИ ЗАВҚ**

*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Мушовир *Юсуфҷони Сангаҳмад Юсуфзода*
Мусаҳҳеҳ *Ашрафи Афзал*
Ҳуруфчини компютерӣ *Гулчеҳра Додарҷонова*

Ба матбаа 06.10.2011 супорида шуд.
Чопаш 10.10.2011 ба имзо расид. Андоза 84х108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 5,75. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар интишороти «Шарқи озод» чоп шудааст.
ш.Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ, 16.